ФАРХУНДА БОД, ҶАШНИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН

*То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,*
*Кас набуд аз роҳи дониш бениёз*

# Фановар

FANOVAR

Нашрияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

6 сентябри соли 2017

№ 13-14 (67-68)

## СУХАНРОНИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ ДОНИШ ВА ИФТИТОҲИ БИНОИ НАВИ АКАДЕМИЯИ ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ



**Омӯзгорони арҷманд ва донишҷӯёну хонандагони азиз!**

**Муҳтарам устодон ва донишҷӯёни Академияи вазорати корҳои дохилӣ!**

**Ҳамватанони гиромӣ!**

Имсол мулоқоти анъанавии мо ба ифтихори Рӯзи дониш, дарси сулҳ ва оғози соли нави таҳсил якҷо бо ифтитоҳи биноии нави таълимии Академияи Вазорати корҳои дохилӣ дар арафаи ҷашни муқаддасу мубораки миллиамон - бистушашсолагии истиқлолияти давлатӣ баргузор мегардад.

Ба ин муносибат, омӯзгорону донишҷӯёни Академия, устодону толибилмони ҳамаи муассисаҳои таълимии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ, хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ибтидоии касбӣ, донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, кулли кормандони соҳаи маориф, падару модарон ва сокинони мамлакатро самимона табрик мегӯям.

Академияи Вазорати корҳои дохилӣ ба сифати муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар тарбияи кадрҳои баландихтисос барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ саҳми назаррас дошта, кормандону хатмкардагони он дар мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, таъмини волоияти қонун ва таҳкими сулҳу суботи кишварамон фидокорона заҳмат кашида, ба Ватан ва халқи Тоҷикистон содиқона хизмат карда истодаанд.

Муассисаи мазкур, ки дар замони истиқлолият таъсис ёфтааст, дар давраи фаъолияти худ ҳазорон нафар кадрҳои баландихтисос ва ҷасуру далерро тайёр намудааст, ки онҳо дар лаҳзаҳои вазнину ҳассоси ҳаёти кишварамон ҳомиёни воқеии Ватан ва ҳимоятгарони манфиатҳои миллӣ будани хешро исбот кардаанд.

Дар охири асри бист ва оғози асри бистуяк сайёраи мо ба як қатор таҳдиду хатарҳои нав, аз қабили экстремизму терроризм, ҷангҳои мазҳабӣ, амалҳои даҳшатноки террористӣ, мусаллаҳшавии бошитоб, густариши ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ, қочоқи маводи мухаддир, силоҳу муҳиммоти ҷангӣ, одамрабоӣ, инчунин, тағйирёбии иқлим ва ҳодисаҳои фавқулодаи вобаста ба он, бемориҳои сироятӣ, шиддат гирифтани раванди аз нав тақсим кардани дунё барои ба даст даровардани захираҳои табиӣ аз ҷониби абарқудратҳо ва мушкилоти дигар рӯ ба рӯ гардид.

Чунин вазъ мардуми сайёра, аз ҷумла моро водор месозад, ки ба масъалаи ҳифзи сулҳ, таҳкими пояҳои давлатдорӣ ва мустаҳкам намудани иқтидори мудофиавии давлат ҳамчун шарти муҳимтарини пойдории амният ва суботу оромии ҷомеа аҳаммияти хосса зоҳир намоем.

Халқи мо ба қадри сулҳу оромӣ бештар мерасад, зеро мардуми тоҷик бо айби як идда ашхоси хоину зархарид, роҳбарони баъзе азҳоби сиёсӣ ва хоҷагони хориҷии онҳо, ки мехостанд дар Тоҷикистон давлати исломӣ бунёд намуда, мазҳаб ва фарҳанги бегонаро ба сари мардуми мо бор кунанд, ба гирдоби ҷанги шаҳрвандии таҳмилӣ гирифтор шуда, хисороти зиёди моддиву маънавиро паси сар намуданд.

Маҳз ба ҳамин хотир, ҳар сол дар кишвари мо соли хониш дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот бо дарси сулҳ оғоз мегардад.

Аз ин рӯ, бахусус, наврасону ҷавонони моро зарур аст, ки ба қадри сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва истиқлолу озодӣ расанд ва ҳамчун насли ояндасоз ба хотири ҳифзу таҳкими дастовардҳои он саъю талош намоянд.

Дар солҳои мудҳиши ҷанги шаҳрвандӣ кормандони милитсия, аз ҷумла устодону донишҷӯёни Академия дар баробари дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ дар қатъи ҷангу хунрезӣ, барқарор намудани сохти конститутсионӣ, таъмини амнияту тартиботи ҷамъиятӣ ва сулҳу оромӣ саҳми басо арзишманд гузоштанд.

Мо ба ҳамаи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ изҳори миннатдорӣ карда, хотираи неки онҳоеро, ки барои барқарор кардани сохти конститутсионӣ қурбон шудаанд, абадан пос медорем.

Ҳамзамон бо ин, аз ақлу хирад ва сабру таҳаммули миллати куҳанбунёдамон ифтихору шукрона мекунем, ки маҳз ба шарофати иродаи қавии мардуми шарифи кишвар давлати ҷавони тоҷиконро аз хатари нобудӣ ва миллатро аз парокандагӣ раҳоӣ бахшидем.

Дар баробари ин, бояд гуфт, ки сулҳи тоҷикон дар ташаккули худшиносии миллӣ нақши муассир гузошт ва раванди миллатсозиву давлатсозиро дар мамлакат тавсеа бахшид.

Аз ин лиҳоз, ҳангоми дарси сулҳ омӯзгорон бояд ба шогирдони худ аҳаммият ва нақши сулҳу ваҳдати миллиро барои суботи ҷомеа, рушди муназзаму муътадили кишвар ва пойдориву устувории давлат шарҳ диҳанд ва наврасону ҷавононро дар рӯҳияи сулҳдӯстиву сулҳпарварӣ тарбия намоянд.

Фарзандони мо бояд хуб дарк намоянд, ки омӯхтани илму дониш ва аз худ кардани касбу ҳунар танҳо дар сурати пойдории сулҳу оромӣ ва амнияти ҷомеаву давлат имконпазир мебошад.

**Дӯстони азиз!**

Дар кишвари мо Рӯзи дониш баробари дарси сулҳ арзиши баланд дошта, шогирдони муассисаҳои таълимӣ ва волидайну омӯзгорони онҳо ин санаи фархундаро бо шодиву хурсандӣ истиқбол менамоянд.

Мафҳуми дониш барои халқи мо аз замонҳои қадим то имрӯз як ҷузъи муҳимтарини маънавиёт ба ҳисоб меравад. Бузургони гузаштаамон донишро чароғи ақл ва ҷавшани ҷисм донистаанд.

Бо дарназардошти нақши бузурги илму маърифат Ҳукумати мамлакат дар даврони истиқлолият масъалаи рушди илму маорифро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоӣ эълон кардааст.

Дар ин асос ҳоло дар низоми маориф ислоҳот ва навсозӣ бомаром идома дошта, Ҳукумати мамлакат дар доираи ислоҳоти соҳа консепсияву барномаҳои рушди соҳаи маорифро қабул ва амалӣ карда истодааст.

То ба имрӯз китобҳои таълимӣ бо дарназардошти шароити нав таълиф ва чоп гардиданд, ки онҳо доир ба ҳар як мавзӯи дарсӣ маълумоти бештар дошта, бар замми ин, омӯзгорони соҳибтаҷриба аз шабакаҳои иҷтимоии таълимӣ низ фаровон истифода менамоянд.

Инчунин, аксари муассисаҳои таълимӣ дар ҷараёни дарс аз технологияҳои наву ҳозиразамон ва шаклу усулҳои фаъоли таълим истифода карда, насли наврасро бо дастовардҳои муосири илмӣ шинос мекунанд ва ҷиҳати васеъ гардонидани дараҷаи ҷаҳонбинии онҳо кӯшиш менамоянд.

Низоми муосири таълим, ки хоси даврони истиқлолият мебошад, барои баланд бардоштани сифати таълим ва бедор кардани завқу ҳаваси хонандагон ба донишомӯзӣ мусоидат менамояд.

Ҳоло дар соҳаи маориф гузариш ба стандартҳои нави таълим идома дошта, зарурати ворид намудани шаклу воситаҳои нави азхудкунии илму дониш дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот пеш омадааст.

Вобаста ба ин, омӯзгоронро зарур аст, ки ҷиҳати омӯхтани навгониҳои илмиву таълимӣ, таҷрибаи пешқадам ва такмили маҳорату малакаи касбии худ мунтазам кӯшиш намоянд.

Дар ин раванд, тарзи тақсимоти равиявӣ, ки бо супориши Ҳукумати мамлакат дар низоми таҳсилоти умумӣ, бахусус, литсею гимназияҳо ҷорӣ гардидааст, бояд такмил дода шавад.

Мушоҳидаву таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ин самт ҳанӯз кам-

*(Давомаш дар саҳ. 2)*

## ТАБРИКОТИ РЕКТОРИ ДОНИШГОҲ АМОНЗОДА ИЛҲОМ ТЕМУР БА МУНОСИБАТИ СОЛИ НАВИ ТАҲСИЛ ВА 26-УМИН СОЛГАРДИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРӢ

**Устодон, кормандон ва донишҷӯёни азиз!**

Нахуст, ҳамаи Шуморо бо оғози соли нави таҳсил, Рӯзи дониш ва бузургтарин дастоварди миллат - Истиқлолияти давлатии ҷумҳурии азизамон, ки дар арафаи 26-умин солгарди он қарор дорем, табрику муборакбод мегӯям.

Баъдан, мехоҳам сухани табрикотиамро бо овардани иқтибосе аз суханрониҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки гуфта буд: "Мо маорифро дар сиёсати давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон самти асосӣ эълон доштаем", идома бахшам. Зеро маҳз бо шарофати истиқлолият ва сулҳу суботи комил дар баробари дигар соҳаҳо соҳаи илму маориф низ босуръат рушд ёфта, истиқлолияти комили маънавӣ таъмин карда мешавад. Нақши истиқлолияти сиёсии Тоҷикистони азиз дар таҳкими истиқлолияти маънавии кишвар, ки ҷавҳари аслии он инкишофу тараққии соҳаи маориф ва рушди таълиму тарбия аст, хеле барҷаста мебошад. Ноил гаштан ба истиқлолияти давлатӣ ва таъмини он барои рушду нумуи мактабу маориф шароитҳои мусоид фароҳам овард, ки он пеш аз ҳама, аз таваҷҷуҳу ғамхориҳои ҳамешагии Сарвари давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон сарчашма мегирад. Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маорифро соҳаи ҳаётан муҳим, афзалиятнок ва сарнавиштсоз эълон карда, нақши онро дар ободию шукуфоии кишвари азизамон назаррас маънидод кардаанд.



Устодон ва донишҷӯёни азиз, дастовардҳои зиёде, ки мову шумо дар 26 соли Истиқлолияти кишвар соҳиб гардидем, пеш аз ҳама, самараи истиқлол ва фаъолияти пурсамари ҳайати профессорон, устодон ва кормандон баҳри амалӣ намудани сиёсати хирадмандонаю маорифпарваронаи Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буда, моро водор месозанд, ки минбаъд низ кору фаъолиятамонро дар сатҳи боз ҳам баландтар ба роҳ монем ва барои тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси соҳаи иқтисодиёт, ки кишвари азизамон ба онҳо ниёзи бештар дорад, ғайрату матонат ва ташаббускорӣ нишон диҳем.

Дар ин рӯзи фараҳбахш бо умеди дастовардҳои боз ҳам назаррастари илмию тадқиқотӣ ва пажуҳишию омӯзгорӣ бори дигар кулли ҷомеаи донишгоҳ, бахусус донишҷӯёни соли аввали таҳсилро, ки бо мақсади андӯхтани дониш ва маҳорати касбӣ ба ин мактаби олии кишвар омадаанд, бо соли нави таҳсил ва 26-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сидқи дил муборакбод намуда, дар раванди таълиму донишандӯзӣ комёбиҳои беназир таманно дорам.

# СУХАНРОНИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ ДОНИШ ВА ИФТИТОҲИ БИНОИ НАВИ АКАДЕМИЯИ ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ

*(Аввалаш дар саҳ. 1)*

будиҳо вуҷуд доранд ва ислоҳи сариваќтии онҳо боиси таҳаввулоти сифатӣ дар низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ мегардад.

Дар баробари ин, самаранок ба роҳ мондани таҳсилоти салоҳиятнок ва давра ба давра ҷорӣ намудани он дар ҳамаи зинаҳои таълим талаби замон мебошад.

Дар ҷараёни навсозӣ бояд ба омӯзиши фанҳои дақиқ, махсусан, риёзӣ ва табиатшиносӣ, технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла русиву англисӣ эътибори ҷиддӣ дода шавад, зеро таълими самараноки ин фанҳо барои ояндаи Тоҷикистон ниҳоят муҳим буда, вусъат ёфтани тафаккури техникиву ҷаҳонбинии истеҳсолӣ шарти зарурии рушди соҳаҳои ҳаётан муҳимми иқтисоди миллӣ мебошад.

Илова бар ин, маҳз тавассути таълими сифатноки фанҳои дақиқ қобилияти навҷӯӣ ва мафкураи наврасон қавӣ гардида, майлу рағбати онҳо ба ихтироъкорӣ ва тарроҳиву моделсозӣ бештар мешавад ва интихоби ихтисосҳои техникиву технологӣ аз ҷониби хатмкунандагони муассисаҳои таълимӣ огоҳона сурат мегирад.

Аз рӯйи таҳлили нишондиҳандаҳои Маркази миллии тестӣ соли чорум аст, ки дар кластери якум, яъне ихтисосҳои табииву техникӣ нақшаи қабул иҷро нашуда, ҳавасмандӣ ба чунин ихтисосҳои муҳим кам ба назар мерасад.

Аз ин рӯ, мо бояд дар мактабҳои миёна сифати таълими фанҳои дақиқро баланд бардорем ва таваҷҷуҳи хонандагонро ба ин фанҳо бештар ҷалб созем.

Бо ин мақсад, Вазорати маориф ва илм, кумитаҳои ҷавонон ва варзиш, занон ва оила, телевизион ва радио, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо бояд ҷиҳати тарғибу ташвиқи ҳарчи бештари хонандагон ба омӯзиши фанҳои дақиқу риёзӣ озмунҳои ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва шаҳриву ноҳиявиро мунтазам ба роҳ монда, натиҷаи онҳоро ҳар шаш моҳ ҷамъбаст намоянд ва ғолибонро қадрдонӣ кунанд.

Дар баробари ин, Вазорати маориф ва илм дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, бахусус, дар синфҳои равияи дақиқу табиатшиносӣ дарси шоҳмотро ҷорӣ карда, дар зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳангоми таълими фанни технология азхудкунии ҳунарҳои мардумӣ, аз ҷумла, дӯзандагӣ, колинбофӣ, адрасбофӣ, чакандӯзӣ, махсусан, ҳунари пухтани таомҳои миллӣ ва дигар нозукиҳои рӯзғордориро ба роҳ монда, ба барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии ин фан иловаҳо ворид намояд.

Ҳамзамон бо ин, ҳар шаш моҳ дар байни хонандагон озмунҳои чевари беҳтарин, кадбонуи моҳир ва монанди инҳоро гузаронида, доир ба дастгириву ҳавасмандгардонии моддиву маънавии ғолибон чораҷӯӣ намояд.

Баргузор кардани чунин чорабиниҳо завқи хонандагонро ба касбу ҳунаромӯзӣ бештар карда, дар оянда ба рушди сайёҳӣ таъсир мерасонад ва боиси зиёд шудани маҳсулоти ватанӣ барои сайёҳону меҳмонон мегардад.

Барои амалӣ намудани ин тадбирҳои муҳим зарур аст, ки ба таҳсилоти иловагӣ ҳамчун қисми таркибии раванди донишомӯзӣ ва интихоби касб эътибори ҷиддӣ дода шавад, зеро ҳадафи он, пеш аз ҳама, рушди қобилияту истеъдоди кӯдакон ва наврасону ҷавонон мебошад.

Мо бояд на танҳо аз марказҳои таҳсилоти иловагӣ самаранок истифода намоем, балки дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ маҳфилҳои гуногуни эҷодиёти техникиву бадеӣ, санъати амаливу ороишӣ, варзишӣ, шоҳмотбозӣ, сайёҳиву кишваршиносӣ, биологиву экологӣ, гуманитарӣ ва монанди инҳоро ба роҳ монем.

Дар шароити кунунӣ ба омӯзиши фарҳанги миллӣ ҳамчун омили муҳимми рушди маънавии шахсият таваҷҷуҳ зоҳир кардан зарур аст.

Зеро ташаккули ҳисси зебоишиносӣ ва дарки амиқи фарҳанги миллӣ дар зеҳни хонандагон эҳсоси баланди ватандӯстиро бедор намуда, онҳоро ба омӯхтани осори адабиву фалсафӣ ва иҷтимоиву маънавии мутафаккирони гузаштаи халқамон водор мекунад.

Ба ин васила мо дар роҳи ба воя расонидани насли замони нав ва дорои ахлоқи баланди инсонӣ қадами устувор мегузорем.

Мо бояд ба таҷдиди низоми таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ низ вусъат бахшем.

Таъкид месозам, ки дар масъалаи сифати таълим ва тайёр кардани мутахассисони соҳибкасб, махсусан, дар зинаи таҳсилоти олии касбӣ ҳоло ҳам ба муваффақият ноил нагаштаем.

Омӯзиши забонҳои хориҷӣ, бахусус, русиву англисӣ ба талаботи стандартҳои давлатӣ ҷавобгӯ набуда, аксари хатмкунандагон ба ин забонҳо муошират карда наметавонанд.

Ба фанни технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва фанҳои тахассусӣ кам аҳаммият дода мешавад ва серталабӣ дар бобати аз худ кардани ин фанҳо кам ба назар мерасад.

Аз ин лиҳоз, Вазорати маориф ва илм, Шӯрои ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар вазифадор карда мешаванд, ки ба сифати таълими забонҳои хориҷӣ, технологияҳои коммуникатсионӣ ва фанҳои тахассусӣ эътибори аввалиндараҷа зоҳир намоянд.

Дар баробари ин, бояд гуфт, ки ҳанӯз ҳам сатҳи дониш ва касбияти хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҷавобгӯи талабот нест. Қисме аз онҳо бо иллати паст будани сатҳи дониш бо ихтисоси худ дар ягон муассиса ё ташкилот ҷойи кор пайдо карда наметавонанд.

Илова бар ин, дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҳоло ҳам нарасидани китобҳои дарсӣ аз рӯи баъзе ихтисосҳо ҳамчун масъалаи ҳалталаб боқӣ мондааст.

Имрӯзҳо вақти он расидааст, ки ба усули анъанавии таҳсили ғоибона хотима бахшида, таҳсилоти фосилавӣ ба роҳ монда шавад.

Дар шароити имрӯза раванди таълиму тадрисро бе истифодаи васеи воситаҳои техникӣ ва технологияҳои муосир тасаввур кардан ғайриимкон аст.

Аммо тибқи таҳлилҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳоло ҳам нарасидани озмоишгоҳу таҷҳизоти муосир мушоҳида мегардад.

Ҳарчанд ки бо супориши мо дар аксари донишгоҳҳо технопаркҳо таъсис ёфтаанд, лекин фаъолияти онҳо ба талабот мутобиқ нест.

Ҳадаф аз таъсиси чунин сохтори таълимиву истеҳсолӣ дар ҳайати муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо маоши иловагӣ таъмин намудани омӯзгор ва ҷалби донишҷӯи магистр ба корҳои баъдидарсӣ ва пайдо кардани таҷриба мебошад.

Вале дар технопаркҳои муассисаҳои таълимӣ омӯзгорон кам фаъолият карда, ба ин коргоҳҳо шахсони дигар ба кор ҷалб шудаанд ва маҳсулоти баровардаашон низ сифатноку назаррас нест.

Аз ин рӯ, Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи маориф вазифадор карда мешавад, ки бо истифода аз сохторҳои худ дар маҳалҳо фаъолияти муассисаҳои таълимиро зери назорати ҷиддӣ қарор дода, барои беҳтар шудани сатҳу сифати таълим тадбир андешад ва ҳар шаш моҳ рейтинги муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро гузаронида, сатҳи донишандӯзии донишҷӯён, маҳорату малакаи касбии омӯзгорон ва амалӣ кардани навҷӯиву навгониро дар низоми таҳсилоти олии касбӣ муқаррар карда, доир ба натиҷаи корҳои иҷрошуда ба Ҳукумати кишвар гузориш диҳад ва дар воситаҳои ахбори омма интишор гардонад.

Дар баробари ин, Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи маорифро зарур аст, ки ҳамчун мақоми ягонаи ваколатдор дар самти аттестатсия, аккредитатсия ва иҷозатномадиҳии муассисаҳои таълимӣ, сарфи назар аз шакли моликият ва тобеияти идоравии онҳо, барои шаффоф ва дар сатҳи баланди касбӣ анҷом додани санҷиши сатҳу сифати таҳсилот ва дар маҷмӯъ, ҷиҳати арзёбии воқеии фаъолияти муассисаҳои таълимии мамлакат чораҳои муассир андешад.

Ҳамзамон бо ин, такмили донишу маҳорати омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ муҳимтарин омили беҳтар намудани сифати таълим мебошад.

Аз ин рӯ, зарур аст, ки дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ба масъалаи бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси омӯзгорон эътибори ҷиддӣ дода, фаъолияти марказҳо, курсҳо ва донишкадаҳои такмили ихтисос зери назорати доимии Вазорати маориф ва илм, инчунин, дигар вазорату идораҳое, ки дар сохторашон муассисаҳои таълимӣ доранд, қарор дода шавад.

Ҳукумати мамлакат дар роҳи татбиқи нақшаҳои стратегии худ ҳамеша ба омӯзгорон ва умуман, ба кормандони соҳаи илму маориф такя менамояд, зеро онҳо дар ҳифзу нигаҳдошти дастовардҳои истиқлолият ва рушди минбаъдаи кишвар нақши пурарзиш доранд.

Маҳз омӯзгор аст, ки наврасону ҷавононро ба интихоби касбу ҳунар ва роҳи дурусти зиндагӣ ҳидоят мекунад. Дар шароити пуртазоди ҷаҳони муосир рисолат ва масъулияти касбии омӯзор бамаротиб зиёд шудааст.

Дар ин росто, ҳар як омӯзгор бояд ҳисси баланди миллӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва худшиносиву худогоҳӣ дошта бошад ва шогирдонашро дар ҳамин рӯҳия тарбия намояд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Таҳдиди зуҳуроти харобиовари ифротгароӣ ва созмонҳои террористӣ, ки аксари онҳо фаъолияти худро бо номи ислом анҷом медиҳанд, имрӯз аз сатҳи миллӣ ва минтақавӣ фаротар рафта, хусусияти ҷаҳонӣ касб кардааст.

Мубориза бо ин вабои аср на танҳо вазифаи давлат, балки вазифаи муҳимми ҳар як фарди бонангу номуси ҷомеа мебошад, зеро он на фақат ба давлат ва асосҳои конститутсионии он, балки ба рӯзгори ободу осуда, ба тарзи зиндагии ҳар як шахс ва аҳли оилаи ӯ таҳдид мекунад.

Роҳу усулҳои пешгирӣ намудани ҷалби ҷавонони кишварҳои гуногун ба ин гуна созмонҳои экстремистиву террористӣ имрӯз дар маркази диққати сиёсатшиносону сиёсатмадорони ҷаҳон қарор гирифтааст.

Ба назари мо, сабаби асосии фирефтаи таблиғгарони ташкилоту созмонҳои экстремистиву террористӣ гардидани ҷавонон, пеш аз ҳама, сатҳи пасти донишу маърифат, ҷаҳонбинии маҳдуд, инчунин, аз назорат дур мондани онҳо мебошад.

Ба гурӯҳҳои ҷангҷӯи экстремистӣ ва созмонҳои террористӣ ҳамроҳ шудани баъзе ҷавонони мо низ боиси ташвиш гардидааст, ки инро дар суханрониву вохӯриҳо бо ҷавонон ва намояндагони дигар табақаҳои ҷомеа борҳо таъкид намудаам.

Ҷой доштани чунин зуҳуроти нангин моро водор месозад, ки ба масъалаи тарбияи ҷавонон боз ҳам бештар диққат дода, пеши роҳи гароиши онҳоро ба ҳар гуна ҳаракату созмонҳои тундраву террористӣ гирем, зеро чунин афрод ба шаъну шарафи миллати тамаддунсози мо ва давлати тоҷикон иснод меоранд.

Муҳтарам устодону омӯзгорон ва донишҷӯёну хонандагони азиз!

Дар арафаи таҷлили 26 - умин солгарди истиқлолияти давлатӣ ба истифода супорида шудани маҷмааи нави таълимии Академияи Вазорати корҳои дохилӣ далели равшани қадршиносии Ҳукумати кишвар аз хизмати содиқонаи ҳайати шахсии мақомоти милитсия мебошад.

Ба корҳои сохтмони биноии нави Академия дар арафаи таҷлили ҷашни бистсолагии Конститутсия асос гузошта будем ва чунонки имрӯз мебинем, бинои маъмуриву таълимии он, ки аз се қисмат ва ҳашт ошёна иборат мебошад, бо сифати баланди меъморӣ бунёд гардидааст.

Бояд таъкид намуд, ки ҳадаф аз бунёду таҷдиди заминаҳои моддиву техникии Академияи Вазорати корҳои дохилӣ баланд бардоштани сатҳи таълиму тарбияи донишҷӯён, омода кардани мутахассисони баландихтисос ва ватандӯсту худшинос барои мақомоти корҳои дохилӣ ва такмилу тақвияти донишу малакаи касбии кормандон ба ҳисоб меравад.

Дар зарфи солҳои 2000-2016 Академияи милитсияи Вазорати корҳои дохилиро беш аз 8 ҳазор нафар хатм намудаанд.

Имрӯз дар Академия 2200 нафар таҳсил мекунанд, ки аз онҳо 156 нафарашон духтарон мебошанд, вале ин шумора ҳанӯз хеле кам аст.

Ҳоло бо супориши Роҳбари давлат дар ҳамаи муасисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар 600 нафар ятимон, аз ҷумла дар Академияи Вазорати корҳои дохилӣ 169 нафар таҳсил мекунанд.

Дар ин муассисаи таҳсилоти олӣ, инчунин, 56 нафар фарзандони кормандони мақомоти милитсия, ки ҳангоми адои хизмат ҳалок гардидаанд ва 15 нафар хатмкардагони хона-интернатҳои кишвар ба таҳсил фаро гирифта шудаанд, ки иқдоми мазкур нишонаи ғамхории давлату Ҳукумат нисбат ба оилаҳои камбизоат ва қишри ниёзманди ҷомеа мебошад.

Хотирнишон бояд кард, ки бо истифода аз технологияҳои замонавӣ ба роҳ мондани омӯзиши ҳамаҷонибаи фанҳои тахассусӣ дар Академияи Вазорати корҳои дохилӣ аз ҷумлаи вазифаҳои муҳим ба шумор меравад.

Дар робита ба ин, ба масъалаи таълими забонҳои хориҷӣ, технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқи байналмилалӣ эътибори ҷиддӣ додан зарур аст.

Яъне хатмкардагони Академия бояд на танҳо ҳуқуқшиносони баландихтисос, балки донандагони хуби забонҳои хориҷӣ низ бошанд.

Дар баробари ин, вазифаи устодони Академия аз он иборат аст, ки шогирдони худро дар рӯҳияи ҳисси баланди миллӣ, ватанпарастӣ, садоқат ба Ватан, ҳифзи арзишҳои олии давлатӣ ва манфиатҳои миллӣ тарбия намоянд ва дар навбати аввал худашон намунаи ибрат бошанд.

Итминони комил дорам, ки кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ зимни фаъолияти худ манфиатҳои миллиро аз ҳама боло гузошта, донишу малака ва ҳатто ҳастии худро ба ин ҳадафи олӣ равона месозанд.

Зеро мақомоти корҳои дохилӣ, дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ дар ҳифзи арзишҳои олии давлатдорӣ, таъмини амнияти давлат ва ҷомеа, яъне волоияти қонун нақши калидӣ доранд.

Ҳайати шахсии сохтору мақомоти зикршуда бояд сатҳи баланди касбият дошта, аз лиҳози рӯҳиву равонӣ устувор бошанд, бо истифода аз шароити муҳайёкардаи давлату Ҳукумат ҳамеша дар ҳолати омодабош қарор дошта бошанд, зеро тавре ки дар оғоз хотирнишон кардам, вазъи ҷаҳон ва минтақа бисёр ноорому хатарзо мебошад ва ин масъаларо ҳатто як лаҳза ҳам фаромӯш набояд кард.

Чунонки огаҳӣ доред, бо Фармони Президенти кишвар "Стратегияи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2013-2020" қабул гардида, давра ба давра татбиқ шуда истодааст.

Муҳимтарин масъала дар ин самт тибқи муҳлатҳои муайяншуда ва босифат таъмин намудани татбиқи бандҳои дахлдори санади зикршуда мебошад.

Ин санади муҳим дар баробари дигаргуниҳои ҷиддӣ дар самти беҳсозии заминаҳои моддиву техникӣ тақозо менамояд, ки корманди милитсия хислатҳои беҳтарини инсониву одоби баланди муошират дошта, хайрхоҳу одамдӯст бошад ва аз нигоҳи равонӣ, ҷисмонӣ ва ирода устувор буда, ба Ватан ва халқи худ содиқона хизмат намояд.

Таълимгирандагони Академия низ бояд дорои ҳамин хислатҳои ҳамидаи инсонӣ, сазовори номи баланди донишҷӯи муассисаи таҳсилоти олии Вазорати корҳои дохилӣ ва ҳомиёни ояндаи қонунияту тартибот бошанд.

Хизмат дар сафҳои милитсия поквиҷдонӣ, эҳтиром ба қонун ва ҳуқуқу озодиҳои инсонро тақозо намуда, кормандони мақомот набояд ба тамаъҷӯӣ, беэҳтиромӣ нисбат ба шаҳрвандон ва истифодаи усулҳои номатлуби таҳқиқу тафтиш роҳ диҳанд.

Шумо бояд дар риояи талаботи қонунҳои миллӣ дар бораи танзими анъана ва расму ойинҳои миллӣ ва масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд низ пешсафу ташаббускор бошед, чунки қисми зиёди муқарраroti қонунҳои зикршуда ба зиндагии ҷавонон дахл доранд.

Ҳар кадоми шумо бояд ҳамеша дар хотир дошта бошед, ки сулҳу субот ва оромиву осоиш барои ҳар кишвару миллат, махсусан, барои халқи мо, ки даҳшати ҷанги шаҳрвандиро аз сар гузаронидааст, неъмати бузургтарин маҳсуб ёфта, ҳифзу ҳимояи он вазифаи муқаддаси ҳар як фарди миллатдӯсту ватанпараст ва кулли ҷавонони бонангу номуси Ватан мебошад.

Дар баробари шумо - наврасону ҷавонони мамлакат ман ҳамаи 240 ҳазор нафар кӯдаконеро, ки имсол ба синфи якум мераванд, табрик гуфта, ба онҳо саломативу умри дароз орзу мекунам ва умедворам, ки кӯдакони имрӯза фардо ҳамчун насли ватандӯст ва номбардори Тоҷикистони азизамон ба воя мерасанд.

Дар охир ҳамаи шумо, ҳозирини гиромӣ, кулли омӯзгорону хонандагон ва донишҷӯёни муассисаҳои таълимии кишварро бо оғози соли нави таҳсил самимона табрик мегӯям.

**Рӯзи дониш ва оғози соли нави таҳсил муборак бошад, ҳамватанони азиз!**

## Вазири маориф ва илм:
## "МАКТАБУ ДОНИШГОҲ МАКОНИ ТАЪЛИМУ ТАДРИС ВА ИЛМОМӮЗИЯНД, НА ҶОИ ХУДНАМОИЮ МОШИНСАВОРӢ"




Минбаъд дар Тоҷикистон аз хонандаи одӣ то магистр ҳуқуқ надоранд, ки тавассути мошини шахсӣ ба муассисаҳои таълимӣ ба дарс оянд, яъне ҳангоми паси чанбари мошин нишаста ба дарс омадан онҳо аз донишгоҳ хориҷ карда мешаванд. Дар ин росто 23 август вакилони палатаи поёнии Парлумони Тоҷикистон ба чор қонуни соҳавии марбут ба соҳаи маориф- қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ", "Дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ", "Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ" ва "Дар бораи маориф" тағйиру иловаҳо ворид намуданд.

Нуриддин Саид, Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонунҳои мазкурро дар назди вакилони Парлумон тавзеҳ дода, гуфт, ки тағйиру иловаҳо ба қонунҳои зикршуда бо мақсади ворид намудани меъёрҳо ҷиҳати манъи ба муассисаҳои таълимӣ бо воситаҳои нақлиёти механикӣ омадани хонандагон ва донишҷӯён ворид карда мешавад. Дар сурати ба муассисаҳои таълимӣ бо мошинҳои шахсӣ омадани донишҷӯён, онҳо ба муҳлати то се сол аз ҳаққи таҳсил дар донишгоҳу донишкадаҳо маҳрум мегарданд. Хонандагони литсей ва дигар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба муҳлати як сол аз муассисаҳои таълимӣ хориҷ карда мешаванд.

Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани тағйиру иловаҳоро ба қонунҳои соҳаи маориф таъмини адолати иҷтимоӣ дар низоми тадрису таълими кишвар арзёбӣ карда афзуд, ки "мактабу донишгоҳ ва тамоми муассисаҳои таълимии кишвар макони таълиму тадрис ва илмомӯзианд, на ҷои худнамоӣ".

Ворид намудани тағйиру иловаҳоро ба қонунҳои соҳаи маориф Нуриддин Саид муҳиму саривақтӣ ва зарурӣ арзёбӣ намуда, таъкид дошт, ки агар татбиқи меъёрҳои қонунҳои мазкур аз як ҷиҳат ба таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳҳо ва коҳиши сатҳи ҷиноятсодиркунӣ аз сӯи ноболиғон ва донишҷӯён мусоидат намояд, аз ҷониби дигар, барои ба таҳсил ва дарсомӯзӣ бештар ҷалб гардидани хонандагону донишҷӯён замина мегузорад. Зеро чандин ҳодисаҳои нохуши автомобилие, ки соли гузашта дар ҷумҳурӣ ба вуқӯъ пайвастанд, маҳз аз ҷониби хонандагону донишҷӯёне содир гардидаанд, ки бо мошин ба дарс меравand.

Тағйиру иловаҳо ба қонунҳои соҳаи маориф дар ҳолест, ки ҷиҳати баланд бардоштани масъулияти хизматчиёни давлатӣ бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйирот ворид карда шудааст. Тибқи ин тағйирот, онҳо вазифадор гардидаанд, ки фарзандонашонро назорат намоянд, то бо мошинҳои шахсӣ ба дарс ҳозир нашаванд, зеро риоя накардани ин талабот барои аз вазифа озод намудани хизматчии давлатӣ асос мегардад.

***АМИТ "Ховар"***

## ТАДБИРИ САРИВАҚТӢ

Аз ҷониби вакилони палатаи поёнии парлумони Тоҷикистон ҷиҳати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба чор қонуни соҳавии марбут ба соҳаи маориф, яъне қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон " Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ", "Дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ", "Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ" ва "Дар бораи маориф" тадбирҳои саривақтие мебошанд, ки бешубҳа, ба боло рафтани сатҳу сифати таълим, таъмини адолати иҷтимоӣ дар низоми тадрису таълими кишвар ва таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳҳо ва коҳиши сатҳи ҷиноятсодиркунӣ аз ҷониби ноболиғон ва донишҷӯён мусоидат хоҳад кард. Аз ин хотир, мо ҳайати устодону профессорони Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ин тадбири судмандро ҷонибдорӣ намуда, пайваста кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки чунин қонуншиканиҳо аз ҷониби донишҷӯён рух надиҳад.

Бояд гуфт, ки қаблан низ бо мақсади пешгирӣ аз чунин амал рафторҳои бархе аз донишҷӯёни макотиби олӣ ва литсейю гимназияҳо чораҳо андешида шуда, дар якҷоягӣ бо кормандони бозрасии давлатии автомобилӣ рейду санҷишҳо гузаронида мешуданд. Борҳо бо донишҷӯёни бо мошинҳои шахсӣ ба дарс омада суҳбату вохӯриҳо ва корҳои фаҳмондадиҳӣ ба ҷо оварда мешуданд, вале рӯирост бояд гуфт, ки онҳо чандон самараи дилхоҳ намедоданд. Ва ин ҳама зарурияти ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои соҳавии марбут ба соҳаи маорифро пеш овард.

Тағйиру иловаҳои ба қонунҳои зикргардида ворид намуда пеш аз ҳама, масъулияти падару модарон, бахусус хизматчиёни давлатиро нисбати фарзандонашон бештар намуда, имкон медиҳанд, ки пеши роҳи қонуншиканиҳо гирифта шавад. Зеро дар баробари ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои дар боло зикргардида ҷиҳати баланд бардоштани масъулияти хизматчиёни давлатӣ бо фармони Президенти маҳбуби кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ тағйирот ворид карда шудааст, ки тибқи ин тағйирот шахсони мансабдор вазифадор карда шудаанд, ки назоратро нисбати фарзандонашон пурзӯр намоянд, то ки на танҳо бо мошинҳои шахсӣ ба дарсҳо наоянд, балки ба ҳаргуна қонуншиканиҳо роҳ надиҳанд. Дар акси ҳол нисбаташон ҷазои сазовор, то сабукдӯш гардидан аз вазифа пешбинӣ гардидааст.

Бо мақсади татбиқи амалии қонунҳои зикргардида, мо устодону профессорони донишгоҳ низ корҳои тарбиявӣ ва фаҳмондадиҳиро дар байни донишҷӯён вусъат бахшида, кушиш менамоем, ки дар ин самт ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил гардем.

***З. Юсупова, муовини ректор оид ба тарбия***

## БАХШИДА БА РӮЗИ ДОНИШ

**1-уми сентябри соли ҷорӣ дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бахшида ба Рӯзи дониш, дарси сулҳ ва оғози соли нави таҳсил ҷамъомади устодону донишҷӯёни донишгоҳ баргузор гардид, ки дар он муовини аввали вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳматулло Мирбобоев иштирок ва суханронӣ намуданд.**

Ҷамъомадро бо сухани ифтитоҳӣ ректори донишгоҳ Амонзода Илҳом Темур ҳусни оғоз бахшида, устодону донишҷӯён, бахусус донишҷӯёни курси 1-умро, ки тариқи имтиҳонҳои Маркази миллии тестии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шомили донишгоҳ гардиданд, самимона шодбош гуфта, изҳори боварӣ кард, ки онҳо бо баҳои хубу аъло таҳсил намуда дар оянда ҳамчун мутахассисони ба талаботи бозори меҳнат рақобатпазир дар рушду нумӯи кишвари азизамон - Тоҷикистони соҳибистиқлол саҳми арзандаи хешро мегузоранд.

Ректори донишгоҳ зимни суханронӣ, бахусус, аз дастгириву ғамхориҳои ҳамешагии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти муҳтарам кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки соҳаи маорифро самти афзалиятнок эълон намудааст, ёдовар шуда, изҳор дошт, ки ҳар сол дар арафаи соли нави таҳсил бо ибтикори Пешвои миллат дар ин ё он макотиби олии кишвар биноҳои нави таълимии ба талаботи замон ҷавобгӯ ба истифода дода шуда, аз ҷониби Сарвари давлат дарси сулҳ гузаронида мешавад.

Хушбахтона, имсол низ ин анъана идома ёфт ва Ҷаноби Олӣ рӯзи 30-юми август дар маросими ифтитоҳи биноҳои нави таълимии Академияи Вазорати корҳои дохилии ҷумҳурӣ суханронӣ намуда, дарси сулҳро бахшида ба Рӯзи дониш доир намуданд.

Сипас, муовини аввали вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Р. Мирбобоев устодону кормандон ва донишҷӯёни донишгоҳро бо Рӯзи дониш ва фарорасии соли нави таҳсил табрику таҳният гуфта, бо дилпурӣ иброз дошт, ки ҳайати устодону кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, ки пешоҳанги ҷорӣ намудани низоми нави кредитии таҳсилот маҳсуб меёбанд, минбаъд низ сатҳу сифати таълиму тарбияро дар дараҷаи баланд ба роҳ монда, дар тайёр намудани мутахассисони баландихтисос нақши муассир мегузоранд.

Дар анҷоми ҷамъомад ҳайати устодону кормандон ва донишҷӯёни донишгоҳро тариқи телевизионҳои дар толорҳои донишгоҳ ва синфхонаҳо гузошташуда сабти суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти муаззами кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро бахшида ба Рӯзи дониш ва ифтитоҳи биноҳои нави таълимии Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон тамошо карданд.

***Р. Шариф***

## ИСТИҚЛОЛИЯТ - НЕЪМАТИ БЕБАҲОСТ



Истиқлолият волотарин ва пурарзиштарин дастоварди давлату миллати тоҷдори тоҷик аст, ки бисту шаш сол муқаддам, яъне 9-уми сентябри соли 1991 ба вуқӯъ пайваст ва ин сана расман Рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид. Аз ҳамон вақт то имрӯз ин санаи муборак барои миллати тоҷик иди муқаддас маҳсуб ёфта, дар сатҳи баланд таҷлил карда мешавад.

Ин неъмати бузург баробари ба даст овардан, нуру зиё, меҳру вафо, ободию озодӣ, ҳамфикрию ҳамзистӣ ва осоиштагиву абадиятро ба мардуми бузурги тоҷик ва Тоҷикистони азиз овардааст.

Дар паҳнои замонҳо миллати мо аз шебу фарози таърих ва озмоишҳои сахту сангин гузашта бошад ҳам, дастовардҳои фарҳанги асил, ҳувияти миллӣ, забони ноби модарӣ, илму адабиёти оламгирашро нигоҳ доштааст. Ба ҳамагон маълум, ки ниёгони мо бо талқини афкори пурарзиши "Пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек" беҳтарин ва равшантарин орзуву омоли инсониятро ба рукнҳои ахлоқи ҳамидаро басо орифона ифода намудаанд, ки ин каломи пурҳикмат дар тӯли асрҳо барои ташаккули арзишҳои солими башардӯстона хидмат кардааст.

Пас аз гузаштани солҳо ва ба даст овардани баъзе комёбиҳои муҳим метавонем чунин хулоса кунем: "Давраи навини давлатсозию давлатдории мустақилона моро водор сохт, роҳи ислоҳоти иқтисодӣ, дигаргун сохтани шакли моликият, ташаккули иқтисодиёти миллӣ ва сохторҳои нави идоракунии онро пеш гирифта, ба густариши муносибатҳои бозоргонӣ ва пайвастани низоми иқтисоди Тоҷикистон ба набзи иқтисоди ҷаҳонӣ роҳ кушоем".

Бинобар ин нахустин иқдомҳои Ҳукумати Ҷумҳурӣ оғоз бахшидан ба сохтмони нақби Анзоб буд. Сарвари давлат дар ин кор ибтидои ҳама бунёдкориҳои роҳсозию коммуникатсияро дида, дариҷаи начотро низ дар он дарёфта буд. Дар роҳи таъмини истиқлолияти энергетикӣ, раҳоии кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ, амнияти озуқаворӣ, ки ҳадафҳои стратегии Ҳукумати мамлакат мебошанд,бо сохтмони нерӯгоҳҳои хурду калони барқи обӣ, хатҳои интиқоли қувваи барқ, туннелҳо, шоҳроҳову пулҳои байналмилалии мошингард ва даҳҳо иншооти азими инфраструктураи иҷтимоӣ натиҷаҳои нек ба даст оварда шуданд.

Бунёдкориву созандагӣ дар ин самтҳо вусъати тоза пайдо карданд. Дар доираи Барномаи дарозмуддати бунёди силсилаи нерӯгоҳҳои хурди барқӣ дар давраи солҳои 2009-2020 даҳҳо нерӯгоҳи обии хурд сохта ба истифода дода шуд. Аз ҷумла, сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обии "Сангтӯда-1", "Сангтӯда-2", ба охир расонда шуд ва онҳо аҳолӣ ба манфиати халқ хизмат мекунанд. Хатҳои баландшиддати интиқоли нерӯи барқи Ҷануб - Шимол, Лолазор - Хатлон, Лолазор - Сангтӯда-1, 2 ба истифода дода шуданд. Хусусан ба кор даромадани хатти 500 киловаттаи Ҷануб-Шимол ва дар пойгоҳи асосии он насб гардидани трансформатори дуюм - ин ғамхории бузурги Ҳукумати Ҷумҳурӣ барои сокинони вилояти Суғд дар мавсими тобистону зимистон маҳсуб мешавад.

Доир ба раҳоии кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ як силсила тадбирҳои мушаххас амалӣ шуда, сохтмонҳои қитъаҳои алоҳидаи роҳҳои мошингарди Душанбе - Хоруғ - Мурғоб, Душанбе - Рашт - Саритош, нақбҳои автомобилгарди Истиқлол, Шаҳристон, Шоҳроҳи Душанбе - Хуҷанд - Чанок, нақбҳои "Истиқлол", "Хатлон" ва ғайра ба истифода дода шуданд. Баъди истифодаи роҳҳои бузурги байнимитақавӣ имкон фароҳам омад, ки ҳаракати нақлиёт дар дохили мамлакат ва берун аз он тамоми фаслҳои сол имконпазир гардад ва дар ин замина вазъи равуо ва боркашонӣ ба манотиқи гуногуни кишвар сад дар сад беҳтар шавад.

Дар шароити кунунӣ, ки ҷаҳони муосир дорад, таҳкими Истиқлолият, устувор гардонидани пояҳои давлат ва баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии инсон барои на танҳо мардуми мо, балки тамоми инсоният мазмуни ҳаётан муҳим пайдо мекунад. Зеро даҳсолаҳои охир пешрафти босуръати илму техника ва раванди қувват гирифта истодаи ҷаҳонишавӣ инсониятро ба муҳити комилан нав ворид намуда, боиси ташаккул ёфтани низоми фарогири равобити сиёсию иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ ва иттилоотиву маънавӣ гардидааст.

Имсол низ бахшида ба ҷашни истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қаламрави кишвар бунёд ва мавриди истифода қарор гирифтани беш аз чандин иншоотҳо дар назар аст. Тавассути истиқлол Тоҷикистон тоҷиконро ҷаҳонро бо ҳам овард ва дари худро ба ҳамилатлони бурунмарзӣ боз намуд.

Даврони Истиқлолият барои мо имкони воқеӣ фароҳам овард, ки роҳи имрӯзу ояндаи миллат ва пешрафти минбаъдаи кишвари азизамонро ба сӯи ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ интихоб намоем. Истиқлолият барои мо рамзи олии Ватану ватандорӣ, бузургтарин неъмати давлатсозию давлатдории мустақил, кору пайкорҳои пайгиронаи созандагӣ, азму талошҳои фидокоронаи расидан ба истиқлолияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро омӯзонда, меъёрҳои ҷомеаи шаҳрвандиро таҳким бахшид ва дар як вақт ҳаёти озодонаи ҳар фард ва олитарин дараҷаи бахту саодати воқеии миллатро таъмин намуд. Истиқлолият барои мо нишони барҷастаи пойдории давлат, бақои симои миллат, рамзи асолату ҳувият, идеалу ормонҳои таърихӣ, шиносномаи байналмилалӣ ва шарафу эътибори ба ҷаҳони мутамаддин пайвастани кишвари соҳибистиқлоли Тоҷикистон мебошад. Тамоми сокинони кишвари озоду ободи мо имрӯз ифтихор доранд, ки бисту шаш сол қабл аз ин нахустин хиштҳои пойдевори истиқлолияти воқеӣ ва давлатдории миллии худро ниҳода, аз шарофати мустақилият соҳиби рамзҳои давлатӣ - Парчам, Нишон ва Суруди нави миллӣ гардидем.

Самараи неки истиқлол аст, ки имрӯз Тоҷикистон дар дунё чун давлати сулҳхоҳу сулҳпарвар шинохта шудааст. Таҷрибаи сулҳи тоҷикон - манбаи омӯзиши сулҳхоҳони ҷаҳон гашт, ки боиси ифтихори ҳар як ҷавми тоҷикмиллат аст. Мо бояд аз ин миллати баруманд биболему барои боз ҳам машҳуртар гардидани он кӯшишу ғайрат намоем.

***Қ. Кабутов, муовини декани факултети технологияҳои иттилоотии соҳавӣ оид ба илм ва инноватсия***

# ТАНЗИМ - БАРАКАТИ ЗИНДАГӢ

## Ё ХУД ВОСИТАИ БЕҲДОШТИ РӮЗГОРИ МАРДУМ

**То расму ойин ва маросимҳои милливу динии худро ба як низоми муайян надарорем ва хароҷоти беҳудаву зиёдатии мардумро аз байн набарем, ба татбиқи барномаҳои давлатӣ ва сарфи маблағҳои зиёд дар масъалаи паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ ба натиҷаҳои дилхоҳу назаррас ноил шуда наметавонем"**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Ин суханони хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти маҳбуби кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон даҳ сол пеш, дар ҳоле садо дода буданд, ки анъана ва ҷашну маросимҳо ҳамчун омили муҳимми зуҳуроти иҷтимоӣ ба танзим зарурат доштанд. Аз ҳад зиёд сермасраф гардидани баргузории ҷашну маросимҳо ва анъанаҳои мардумӣ ба сари мардуми кишвар бори гарон оварда буд. Тақлидкорӣ ва рақобати бемантиқ дар гузаронидани тӯю маъракаҳо боиси хароҷотҳо ва исрофкориҳои аз ҳад зиёд шуда, маросимҳои дафну азодорио ба бори гарони зиндагӣ табдил доданд.

Президенти маҳбуби кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун роҳбари оқилу хирадманд ва ғамхори миллат барои таъмини зиндагии осудаи мардум тамоми чораҳоро андешида, ба аҳли зиё ва уламои дин ва фаъолони кишвар машварат намуда, ба хулосае омаданд, ки роҳи ягонаи ҳарҷи зудтар халос кардани мардум аз ин вазниниҳои сохта ва бидъатҳо, чунонки аз ҷониби аксари шаҳрвандон пешниҳод гардид қабули қонун аст. Таҳлилҳои воқеӣ кишвари моро воқеан ба зарурати қабули қонуни махсус доир ба танзими анъана ва ҷашну маросимҳо водор намуд. Ин буд, ки бо ташаббуси Ҷаноби Олӣ ва дастгирии мардуми Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 8-июни соли 2007 қабул гардида, тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ" ва Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ворид гардид. Ин ва дигар чорабиниҳои ҳуқуқию ташкилӣ ба он боис гардиданд, ки вазъи иҷтимоии мардум беҳтар, сатҳи камбизоатӣ пасттар ва шароити арзандаи зиндагӣ баҳри ҳар як сокини кишвар таъмин карда шавад.

Ин гуфтаҳоро факту далелҳои мушаххасе, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқоташон ба муносибати 10-солагии Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" рӯзи 11.07.2017 баён карданд, бори дигар собит намуданд. Чунончӣ, баъди қабули қонуни мазкур бо дарёфти сарчашмаҳои маблағгузории дохилӣ, аз ҷумла кам намудани хароҷоти нолозим сатҳи камбизоатӣ дар байни 10 сол аз 53 фоиз то 30 фоиз, яъне 23 фоиз коҳиш дода шуд.

Ба шарофати қабули қонун масъалаи бақайдгирии кӯдакони навзод низ таъмин гардид ва сабти номи кӯдаконе, ки танҳо вақти ба мактаб рафтан ба қайд гирифта мешуданд, ба роҳ монда шуд.

Қонуни мазкур, инчунин ба афзоиши шумораи оиладоршавӣ мусоидат намуд ва ҳазорҳо ҷавонписаронy ҷавондухтарон, ки бо сабабҳои мухталиф, аз ҷумла надоштани шароити моливӣ, оиладор шуда наметавонистанд, соҳиби бахту саодат гардиданд.

Дар масъалаи бақайдгирии ақди никоҳ вазъ ба куллӣ тағйир ёфт. То қабули қонун ҳар сол дар кишвар беш аз 57 ҳазор ақди никоҳ ба қайд гирифта мешуд. Тибқи маълумоти оморӣ танҳо дар шаш моҳи баъди қабули қонун шумораи ақди никоҳ дар кишвар то 23 ҳазор зиёд гардида, соли 2007 ба 97 ҳазор ва соли 2008 ба 106 ҳазор расид.

Қонуни мазкур, ҳамчунин боиси болоравии маданияти гузаронидани маъракаҳо ва пайдо шудани омори дақиқи чорабиниҳо гардида, муносибати мардумро ба маросиму маъракаҳо дигаргун сохт. Масалан, дар даҳ соли амалӣ гардидани қонун беш ак як миллиону чорсад ҳазор маърака ба қайд гирифта шудааст, ки барои баргузории онҳо ба ҳисоби миёна чоруним миллиард сомонӣ харҷ гардида, сарфаи умумӣ аз ҳамаи намуди маъракаву маросимҳо беш аз 18 миллиард сомониро ташкил кардааст. Яъне ин маблағҳо ба фоидаи мардум ва афзоиши даромади буҷети оилаи онҳо мусоидат намудаанд. Қабули қонун ҳамчунин, ба кам шудани забҳи чорво мусоидат кард. Агар то аввали соли 2007 дар мамлакат саршумори чорвои калон беш аз як миллиону 700 ҳазор сомониро ташкил дода бошад, ин нишондиҳанда моҳи январи соли 2017-ум ба 2 миллиону 280 ҳазор сар расидааст, ки нисбат ба соли 2007 қариб 34 ҳазор зиёд мебошад. Саршумори чорвои майда бошад 44 фоиз афзудааст.

Дар даҳ соли амали қонуни мазкур, инчунин бунёди хонаҳои истиқоматӣ бамаротиб афзуда, қариб 43 ҳазор гектар замин ба 420 ҳазор оилаи эҳтиёҷманд, яъне ба беш аз дуюним миллион нафар тақсим карда шудааст, ки ин нишондиҳанда низ далели возеҳи аҳамият ва нақши иҷтимоии қонун мебошад.

Ҳарчанд дар самти татбиқи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" муваффақиятҳо ба даст омада бошанд ҳам, мутаассифона, ҳоло ҳам ҳолатҳои пурдабдаба гузаронидани тӯю маъракаҳо ва хароҷоти бемавриди пурра аз байн нарафта, баъзе шаҳрвандон ҳанӯз ҳам расму ойинҳоро ҳамчун воситаи худнамоиву шуҳратпарастӣ истифода менамоянд, ки чунин рафтор ба табиати фарҳанги мо бегона ва мухолифи қонун мебошад.

Мувофиқи маълумоти омори мақомоти судӣ вайронкунии талаботи қонун сол ба сол тамоюли афзоиш дорад. Соли 2007 судҳо ҳамагӣ 60 парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмуриро дар ин самт баррасӣ намудаанд. Вале ин рақам соли 2017 ба 784 расидааст, ки нисбат ба соли 2007-ум 13 баробар зиёд мебошад. Инчунин ҳолатҳои нигаронкунанда, камбудию норасоиҳо ва аз ҷониби баъзе шахсон, ҳатто бархе аз шахсони мансабдор иҷро нагардидани талаботҳои қонуни танзими анъана ва ҷашну маросимҳо зарурияти ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонуни мазкурро пеш овард ва ин буд, ки дар асоси таклифу пешниҳодоти мардум парлумони Тоҷикистон рӯзи 23-юми августи соли ҷорӣ тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон " Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон"-ро қабул кард ва он рӯзи 28-юми август аз ҷониби Маҷлиси миллӣ- палатаи болоии парлумони Тоҷикистон баррасӣ ва тасдиқ карда шуд.

Тибқи тағйироту иловаҳои қабулшуда маҳдудиятҳои нав ҷорӣ карда шудаанд. Аз ҷумла, маъракаи ақиқа, маъракаи "ҳоҷизиёрат", маъракаҳои ноншиканон, модарталбон, падарталбон, чодарканон, муборакбодӣ, шаҳтоз (роҳбандӣ), даъвати санъаткорон ба тӯйи хатна, даъвати санъаткорон ва забҳи чорво дар маъракаҳои номгузорӣ, гаҳворабандон, чиллагурезон, мӯйсаргирони тифл ва дигар маъракаҳои ба таваллуди кӯдак вобаста, забҳи чорво ва додани таом дар маросими дафну азодорӣ, аз ҷумла дар маросими " се", "чил" ва "сол" ва маросими алакай мамнӯи "оши сари тахта", "душанбегӣ ", "ҷумъагӣ" "ҳафт", "бист" ва "шашмоҳагӣ" комилан манъ карда шудааст ва ҳайати устодону омӯзгорони ДТТ ин иқдомро сариваҳтӣ ва ба нафъи мардум муфид арзёбӣ намуда, ҳамчун зиёиёни пешқадам тасмим гирифтаанд, ки дар татбиқи амалии он ҳиссагузор бошанд.

Устодони донишгоҳ тадбирҳои дигари саривақтии қонун, аз ҷумла фақат дар доираи оила ва бе даъвати санъаткорон гузаронидани тӯйи хатна, тифли навзод бояд аллакай то 20- рӯза шуданаш ва дар бемористон хатна карданаш, номгузорӣ, гаҳворабандон, чиллагурезон, мӯйсаргирони тифл ва дигар маъракаҳои вобаста ба таваллуди кӯдак: фақат дар доираи оила, бе даъвати санъаткорон ва бе забҳи чорво, маросими дафну азодорӣ ("се", "чил" ва "сол" ): бе забҳи чорво ва бе додани таом, иди рамазон ва қурбон: оростани дастурхони маънавӣ ва роҳ надодан ба исрофкорӣ ва зиёдаравиро низ ҷонибдорӣ намуда, иброз доштанд, ки тадбирҳои андешидашуда боиси боло рафтани сатҳи зиндагӣ ва ба ин васила паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ ва аз байн бурдани хароҷотҳои зиёдатӣ мегардад.

Тавре Сарвари давлат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд: боварӣ дорем, ки бо татбиқи пурраи қонуни мазкур дар оянда фарқияти байни расму ойинҳои маҳалҳои гуногуни кишвар аз байн рафта, анъанаҳои миллатамон ба шаклу низоми ягона хоҳанд даромад.

***Р. Масъуд***

---

# РӮЗИ КИТОБ

***Ҳар сол дар кишварамон санаи 4-уми сентябр рӯзи китоб таҷлил карда мешавад. Тоҷикон аз зумраи қадимтарин халқҳои Осиёи Марказӣ ба ҳисоб рафта, ба китоб, китобхонӣ ва китобдорӣ завқу шавқи беандоза доранд. Зеро чандин аср қабл хуб дарк намуда буданд, ки:***

***Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст,***
***Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст.***

***Дар ҳақиқат китоб ёри беминнат, сарчашмаи дониш ва васеъкунандаи ҷаҳонбинии инсон буда, ба кас гизои маънавӣ мебахшад. Суханони дар васфи ин ганҷи бебаҳо овардаи бузургон баёнгари чунин гуфтаҳост.***

Китоб манбаи илму дониш, сарчашмаи дарёи ақл, махзани фарҳанги миллӣ, хосса оинаи ҳаёт ва калиди дари ганҷи суха наст.

**Эмомалӣ Раҳмон**

Китоб киштии фикр аст, ки дар рӯи мавҷҳои замон ҳаракат карда, бори қиматбаҳояшро аз насл ба насл мебарад.

**Ф.Бекон.**

Барои худшиносӣ китоб зарур аст. Барои шинохти дигарон ҳам китоб муҳимтар менамояд. Халқи бекитоб ба одами нобино монанд аст, ки ҳусни дунёро намефаҳмад. Ҳамчунин халқи аз китоб маҳрум ба инсоне шабоҳат дорад, ки бе ойина рӯи худро дида наметавонад.

**Расул Ғамзатов**
**(шоири доғистонӣ).**

Китоб мазмуни ҳаёти рӯҳии халқ аст ва ҳамин тавр , хоҳад монд. Ҳарфҳои сиёҳи рӯйи қоғаз варақҳои дар китоб гирдомада махзани беҳтарини афкор, манбаи илҳомбахши ғояҳои нав мебошанд.

Китоб ҳам мисли тифл дар батни модар аз хуни дили эҷодгари худ гизо меҷӯяд.

**Ефим Семёнович Лихтенштейн**
**(китобшиноси рус).**

Инсони муосир ба мисли зарҷӯёне мебошад, ки дар назди кӯҳи Ҳимолойи китобхона истода, аз тӯдаҳои регзарраҳо бардорад.

**Сергей Иванович Вавилов**
**(физик,олими рус)**

Муҳаббат ба китоб ифтихору шарафи ҳаёти ман аст. Ин муҳаббатро ба тамоми ганҷинаҳои Ҳиндустон иваз намекунам. Китобхонаи ман асоси асарҳоям буда, беҳтарин ҳаловатгоҳи ҳаётам ба шумор меравад.

**Эдуард Гиббон**
**(муаррихи англис).**

Китоб дар инсон баландтарин ҳиссиётҳои ҳаяҷони қалбӣ, орзуҳои мафтункунандаро бедор ва тарбият менамояд. Мо китобҳои дӯстдоштаамонро хонда, ҳамаи он чизҳоеро, ки санъаткор аз сар гузаронидааст, боз аз сар мегузаронем. Агар хуб аҳамият диҳем, баъди хондани китоби хуб беҳтар , аз рӯи маъно ғанитар, оқилтар ва наҷибтар мегардем.

**Фёдор Василевич Гладков**
**(нависандаи рус).**

Кас китоби хубро хонда, худро қавитар, хирадманд ва бонизом ҳис мекунад.

**Ян Судрабколн (шоири латинӣ).**

Ҳама гуна дурӯштию дағалӣ дар асари ҳамарӯза хондани китоб ба мисли чизи болои оташ об мешавад.

**Виктор Мари Гюго**
**(нависандаи фаронсавӣ).**

Мутолиаи китоби хуб баробари мусоҳиба бо одами донишмандест. Хонанда аз вай дониш, ҷамъбасткунии воқеият ва қобилияти фаҳмидани ҳаётро ёд мегирад.

**Алексей Николаевич Толстой**
**(нависандаи рус).**

Китобхонаи худро аз китоб пур кардан на ба он маъно аст, ки ту бисёр китоб дорӣ, балки аз он ҷиҳат, ки ақли худро мунаввар ва қалбатро пурнур гардонӣ, аз он ҷиҳат аст, ки бо асарҳои эҷодкардаи доҳиёни бузург рӯҳи худро баланд бардорӣ.

**Виссарион Григоревич Белинский**
**(нависандаи демократи инқилобхоҳи рус).**

Китобхона мизи барои ҳама кушодаи ғояҳост, ҳар кас гизое мегирифт, ки дар пайдо карданаш мешитобид. Он мағозаи эҳтиёҷтиест, ки гурӯҳе афкору андеша ва кашфиётҳои худро гузошта рафтаанд, акнун дигарон аз онҳо манфиат мебардоранд.

**Александр Иванович Гертсен**
**(нависандаи демократи инқилобхоҳи рус).**

Китоб боғи хубест, ки дар вай ҳама чизи нек: манфият ва ҳам ҳузуру ҳаловатро интизор шудан мумкин аст.

**Алексей Максимович Горкий**
**(нависандаи рус).**

Китоб чароғи сеҳрангезест, ки дар роҳи дарозу душвор ва тоқатфарсои ҳаёти инсон нури ҷонбахш эҳдо мекунад.

**Андрей Мартинович Упим**
**(нависандаи латин).**

Китобҳо солномаҳои халқҳо мебошанд. Онҳо таҷрибаҳои беназири дар давоми асрҳо ҷамъшударо аз аср ба аср интиқол медиҳанд. Китобҳо ҷавҳари андешаҳои олӣ ва босамари мутафаккиронанд, ки ба пешвози одамони одӣ баромада, дар ҳамагуна кор мадад мерасонанд. Китобҳо ҳама гуна завқҳоро қонеъ гардонида, ҳамагуна ташнагиро мешикананд.

**Канйел ( китобдори ореанӣ).**

Китоб аз бузургтарин мӯъҷизоти олам аст, ки тафаккури инсонӣ онро офаридааст.

* * *

Китоб шояд дар роҳи оянда саодатманд муъҷизаи аз ҳама беҳтарин, бузургтарин ва мураккабтарин ихтироъкардаи инсоният бошад.

**Алексей Максимович Горкий**
**(нависандаи рус).**

***Таҳияи Тагойгули Саъдулло,***
***китобдори пешбари***
***китобхонаи донишгоҳ.***

== Шаҳрамонро зеби дунё мекунем ==

# ТУҲФА БА ҶАШНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

***Аҷаб шаҳри дилорои,***
***Душанбе,***
***Хаёлам зеби дунёи,***
***Душанбе!***

Дар ҳақиқат пойтахти кишварамон - шаҳри Душанбе, бахусус, баъди соҳибистиқлол гардидани ватани маҳбубамон - Тоҷикистони биҳиштосо симои худро ба куллӣ тағйир дода, боз ҳам ободу зебо ва ба яке аз шаҳрҳои тозаю озода ва пешрафта табдил ёфт. Имрӯз кас ба кӯчаю хиёбонҳои воқеан ҳам тозаю озода, роҳҳои васею мумфарши ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ, хонаҳои баландошёна ва боз садҳо дастоварду пешравиҳои шаҳр, ки ҳама натиҷаи соҳибистиқлолӣ, сулҳу суботи кишвар ва заҳмати сокинони он аст, назар карда, дилаш аз шодӣ лабрези фараҳ мегардад ва бори дигар ба ин миллати тамаддунсозу бофарҳанг аҳсан мехонад.

Боиси ифтихор аст, ки дар ободу зебо гардонидани пойтахти кишварамон ва рушди ҳамаҷонибаи он ҳар як сокини баору номус бо дарки баланди масъулиятшиносӣ саҳмгузорӣ карда истодаанд.

Корҳои ободонию созандагӣ, рӯз то рӯз тозаю озода гардидани кӯчаю маҳаллаҳо ва гулгашту хиёбонҳо, хуллас рушди ҳамаҷонибаи шаҳри азизамонро дида, бевосита суханони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти муаззами кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки таъкид карда гуфта буданд: "Ватани муқаддасамонро ба ҷуз худи мо каси дигар обод нахоҳад кард" ба ёд меояд. Сулҳу субот, зиндагии осоишта, рӯз то рӯз ободтару зеботар гардидани Тоҷикистони соҳибистиқлол, бахусус пойтахти он- Душанбешаҳр далели равшани татбиқи суханони дар боло зикргардидаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дар атрофи Пешвои миллат муттаҳид гардидану дастҷамъона пайи обод намудани ватани азизамон- Тоҷикистони соҳибистиқлол заҳмат кашидани мардум мебошад.

Боиси хурсандист, ки дар шукуфоӣ ва боз ҳам ободу зебо гардонидани пойтахти кишварамон- Душанбешаҳр ҳайати устодону кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳи технологии Тоҷикистон низ саҳми арзанда гузошта, дар бобати кабудизоркунӣ ва хурраму зебо гардонидани пойтахт корҳои зиёдеро ба анҷом расониданд, ки ин ҳама дар рӯзҳои шанбе ва якшанбеи ҳар ҳафта, яъне фориғ аз дарс ба ҷо оварда шуданд.

Бахусус, корҳои ободонию созандагӣ дар доираи амалигардонии дастуру супоришҳои Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамкориҳои судманд бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар шаҳри Душанбе ҷиҳати кабудизоркунӣ, ниҳолшинонӣ, ободу зебо гардонидан ва тозаву озода нигоҳ доштани қитъаҳои муайяне, ки дар раванди эълон гардидани 150 рӯзи ободонӣ аз ҷониби мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Фирдавсӣ дар шаҳри Душанбе ба донишгоҳ вобаста карда шуда буд, хушсифат ба анҷом расонида шуданд.

Дар қитъаи ба донишгоҳ вобастакардашуда, ки ҳудуди дохилии он 1,75 гектарро ташкил дода, ҳавлии байни биноҳои истиқоматии рақамҳои 124-126 ва 128-и кӯчаи Борбади шаҳраки 65-уми ноҳияи Фирдавсиро дар бар мегирад, корҳои кандани бетонҳо, танӯрҳо, таваққуфгоҳҳо ва дигар сохтмонҳои худсарона сохташуда, роҳравҳои аз истифода баромада, сари вақт иҷро гардида, бо қувваи дохилии донишгоҳ зиёда аз 400 тонна партовҳои бетонӣ ва сангу шағал аз ҳудуди шаҳр берун бароварда шуданд.

Барои сохтмони таваққуфгоҳҳо ва роҳравҳо зиёда аз 30 метри кубӣ сангу шағал харидорӣ шуда, истифода гардиданд. Тибқи нақшаи Кумитаи сохтмону меъмории "Шаҳрофар" корҳои азнавбетонрезии роҳравҳо ва таваққуфгоҳҳо (бо истифода аз 50 метри кубӣ бетон), инчунин корҳои бетонрезии роҳравҳо ва таваққуфгоҳҳо бо сифати баланд ба иҷро расонида шуданд.

Барои ҳамвор намудани қитъаи мазкур зиёда аз 930 тонна хок харидорӣ карда шуд. Бо мақсади сабзгардонии ҳудуди минтақа зиёда аз 140 бех дарахтони сояафкану ороишӣ харидорӣ ва шинонида шуда, 42 адад дарахтони мавҷуда тибқи нақша аз як ҷой ба ҷойи дигар гузаронида шуданд, ки имрӯз хуб нашъунамо дошта, ба ҳусни шаҳрак ҳусни тоза зам намуда истодаанд.

Хуллас, қитъаи ба донишгоҳ вобастакардашуда, ки аксҳои аз тарафи чап ҷойдодашуда гувоҳи қаблан дар кадом ҳолат қарор доштани он мебошанд, имрӯз тавассути заҳматҳои устодону кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ба яке аз ҷойҳои хушманзар, алалхусус макони истироҳати кӯдакон ва сайругашти сокинони маҳалла табдил ёфтааст.

Ба муносибати аз ҷониби устодону кормандон ва донишҷӯёни донишгоҳ хушсифат анҷом додани корҳои вобастакардашуда ва ба як гӯшаи ободу зебо (аксҳо бозгӯи онанд) табдил додани маҳаллаи зикргардида санаи 26-уми августи соли ҷорӣ бо иштироки муовини Раиси шаҳри Душанбе Ҷумъазода Фаррух Тӯрақул, раиси ноҳияи Фирдавсии пойтахт Табарзода Ҷамшед, ки онҳоро ректори донишгоҳ Амонзода Илҳом Темур ва дигар устодони донишгоҳ ҳамроҳӣ мекарданд, тантанаи ба истифода додани қитъаи ба ДТТ вобастакардашуда доир гардид. Меҳмонон зимни суханронӣ ба роҳбарият ва устодону донишҷӯёни донишгоҳ барои ободу зебо гардонидани боз як гӯшаи пойтахти кишвари азизамон арзи сипос намуда, ба ҷо овардани чунин корҳои созандагию бунёдкориро аз ташаббускорӣ ва меҳру муҳаббати бепоён доштани аҳли илму заҳмати донишгоҳ нисбат ба ватани азизамон - Тоҷикистони соҳибистиқлол маънидод карданд.

Роҳбарияти донишгоҳ ба истифода додани майдончаи варзишию истироҳатӣ ва дигар корҳои ба ҷо овардаи ободонию созандагиро туҳфа ба ҷашни истиқлолият арзёбӣ карда, иброз доштанд, ки минбаъд низ дар ободонию шукуфоии пойтахти кишварамон- Душанбешаҳр ҳиссагузорӣ хоҳанд кард.

***Ш. Раҷабалӣ***

## ДИРӮЗ







## ИМРӮЗ









# ТАТБИҚИ ЛОИҲАИ TEMPUS-PROMIS (ИТТИҲОДИ АВРУПО) ДАР ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН

Аз моҳи декабри соли 2013 сар карда Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар лоиҳаи ПРОМИС-и барномаи ТЕМПУС-и Иттиҳоди Аврупо фаъолият дорад.

Мақсади асосии лоиҳа мубодилаи таҷрибаи донишгоҳҳои Иттиҳоди Аврупо оид ба ташкил намудани барномаҳои магистрии ҳамсон дар донишгоҳҳои Осиёи Миёна мебошад, ки дар доираи амалигардонии он масъалаҳои ҷалби хатмкунандагони ғайрихтисосманди соҳаи ТИК ба зинаи магистратура ҷиҳати тақвият бахшидани донишҳои касбиашон тариқи технологияҳои муосири иртиботию иттилоотӣ ва пурзӯр намудани ҳамбастагии раванди таълим бо истеҳсолот дида баромада мешаванд.

Хусусиятҳои татбиқии лоиҳа дар он асос меёбад, ки тамоюли муосири фарогирии тамоми соҳаҳои ҳаёти инсон бо технологияҳои иртиботию иттилоотӣ рӯз аз рӯз фарох мегардад. Тадриҷан, ин раванд ба хусусиятҳои равандҳои технологӣ, истеҳсолот ва идоракунии корхонаҳо омезиш ёфта, корфармоёнро водор менамояд, ки талаботи квалификатсионии худро нисбати тайёр намудани мутахассисон дигаргун намоянд. Албатта, барои ҳар як донишгоҳ пеш аз ҳама, тайёр намудани мутахассиси рақобатпазири ба талаботи бозори меҳнат ва ба талаботи корфармоён ҷавобгӯ дар мадди аввал меистад. Ҳамин тариқ, муассисаҳои таълимиро низ лозим меояд, ки вобаста ба талаботи корфармоён барномаҳои таълимии худро ҳамоҳанг намуда, бо корфармоён дар робитаи зич қарор дошта бошанд.

Махсусан, барои ихтисосҳои технологӣ ва иқтисодие, ки дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон имрӯзҳо мутахассисонро омода менамоянд, аз бар намудан ва васеъ гардонидани донишҳои компютерӣ рӯз аз рӯз аҳамияти бештаре касб менамояд, чунки равандҳои технологӣ ва идоракунӣ дар истеҳсолот ба мукаммал гардонидани сатҳи автоматонӣ ва интегронидани онҳо бо технологияҳои компютерӣ ҷиҳати кам кардани талафоти истеҳсолӣ ва баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва идоракунӣ эҳтиёҷоти калон пайдо намудаанд.

Албатта, донишҷӯён дар давоми таҳсил дар ихтисосҳои технологӣ ва иқтисодӣ донишҳои касбии худро мукаммал мегардонанд, вале барномаҳои таълимӣ то дараҷаи лозимӣ наметавонанд ба онҳо донишҳои компютерии ба тахассуси онҳо вобастабударо фарогир бошанд. Дар чунин ҳолат, агар ин мутахассисон дар зинаи магистратура аз рӯи равияи "ТИК ҳамчун компетенсияи дуюм" таҳсилро идома диҳанд, дар ин ҳолат, онҳо аллакай бо заминаҳои технологӣ ва мантиқи равандҳо шиносанд ва метавонанд дар самти барномарезӣ ва автоматикунонии равандҳои мухталифи истеҳсолот сифатан мутахассиси рақобатпазиртар гарданд. Аз ин нуқтаи назар, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ҳадафмандона бо назардошти шароити таълимии мусоид дар доираи лоиҳаи ПРОМИС ихтисоси 1-53010106 "Автоматонии равандҳои технологӣ ва истеҳсолот (дар саноати хӯрокворӣ)"-ро интихоб намуд.

Дар рафти амалигардонии лоиҳаи нақшаи таълимӣ аз рӯи ихтисоси 1-53010106 "Автоматонии равандҳои технологӣ ва истеҳсолот (дар саноати хӯрокворӣ)" таҳия ва аз ташхиси Маркази методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуд. Дар асоси барномаи мазкур аз ҷониби Хадамоти назорат дар соҳаи таҳсилоти назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба донишгоҳ Иҷозатнома (Лицензия) оид ба пешбурди фаъолияти таълимӣ аз рӯи ихтисоси номбурда дода шуд. Дар асоси ҳуҷҷатҳои номбурда нақшаи қабул барои соли таҳсили 2016-2017 тасдиқ гардид ва 10 нафар магистрантон ба таҳсил фаро гирифта шуданд. Қайд кардан лозим аст, ки дар соли таҳсили 2015-2016 бинобар сабаби дар сари вақт ба донишгоҳ надодани иҷозатнома (лицензия) оид ба ихтисоси мазкур аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон талаботи лоиҳа иҷро нагардид.

Дар давоми амалигардонии лоиҳа 9 нафар омӯзгорони донишгоҳ аз ҳисоби буҷаи лоиҳа дар давлатҳои Иттиҳоди Аврупо аз бозомӯзии касбӣ гузаштанд.

Ҳамчунин ду нафар аз аъзоёни лоиҳа дар Донишгоҳи давлатии шаҳри Хуҷанд дар семинар тренингҳо, ки аз ҷониби ширкони Аврупоӣ гузаронида шуданд, ширкат намуданд. Дар семинари аввал аз фанни "Амалиёти мутақобилаи инсон ва компютер", ки як ҳафта идома ёфт, Аҳрор Ҷафъаров ва дар семинари дуюм, ки ин ҳам як ҳафта давом кард, Обидҷон Ниёзбоқиев ширкат варзиданд.

Моҳи майи соли 2017 семинар-тренингҳои навбатӣ дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон барои магистрон доир гардиданд.

Аъзоёни лоиҳа дар 5 воҳӯриҳои ҳамоҳангсозони лоиҳа, ки дар шаҳрҳои Тошканд, Берлин, Бишкек, Душанбе ва Ош баргузор гардиданд, ширкат намуданд.

Аз ҳисоби буҷаи лоиҳа дар асоси қарордоди баимзорасонидашуда бо маблағи 15200 ЕВРО таҷҳизоти зарурӣ дастрас карда шудаст ва аз ҷониби донишгоҳ синфхонаи махсус барои насб кардан ва вобаста ба мақсадҳои лоиҳа истифода намудани онҳо ҷудо гардидааст.

Дар маҷмӯъ, тамоми талаботи лоиҳа аз ҷониби донишгоҳ ҳамчун аъзои консорсиуми лоиҳа пурра амалӣ гардиданд.

***Аҳрор ҶАЪФАРОВ,***
***ҳамоҳангсози лоиҳаи TEMPUS-PROMIS, ДТТ***

# ВУСЪАТИ КОРҲОИ ОБОДОНӢ

**Ҳайати устодону кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳи технологии Тоҷикистон рӯзҳои шанбе ва якшанбеи ҳафтаи сипаригашта ба ҳашар баромада, бахшида ба истиқболи ҷашни 26-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои ободонӣ, тозаву озодагардонии биноҳои таълимӣ, саҳни ҳавлӣ ва гирду атрофи марбут ба донишгоҳ (аз Донишгоҳ то кӯчаи Н. Қаробоев, аз Донишгоҳ то хиёбони А. Ҷомӣ, дохили донишгоҳ ва ҳамзамон Литсейи инноватсионии "Душанбе")-ро ба ҷо оварданд. Бо кувваи аҳли илму заҳмати донишгоҳ корҳои тоза намудан аз партовҳои ҳудуди донишгоҳ, саҳни донишгоҳ, ҷӯйборҳо, роҳравҳо, алафҳои бегона, нарм намудани атрофи дарахтони ороишӣ, корҳои иваз кардани лавҳа (банер)-ҳои тарғиботи дохили донишгоҳ ва кӯчаҳои марбут ба донишгоҳ, иваз намудани байрақҳою шиорҳои миллии саҳни ҳавлӣ ва ҳудудҳои он, ҳамзамон тоза намудани долони биноҳои таълимӣ, синфхонаҳою озмоишгоҳҳо, парки технологии "Фановар", ҷевонҳо, мизу курсӣ ва дигар воситаҳои техникии таълимро хушсифат ба анҷом расонданд.**









***Д. Зайниддинов***

# ЧАНД МАЪЛУМОТИ АҶИБ ДОИР БА ОБ

**Масъалаи истифодаи об имрӯз ба як проблемаи ҷиддии глобалие табдил ёфтааст, ки фақат тавассути кӯшиш ва иқдоми дастҷамъонаи ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳаллу фасл шуда метавонад.**

***Эмомалӣ Раҳмон***

**Аз захираҳои оби сайёраи Замин танҳо 3 фоизаш оби нӯшокӣ аст. Ҳамагӣ 1 фоизи он дастрас аст, ки агар онро оқилона истифода барем, барои 12 миллиард нафар одами курраи Замин мерасад.**

* * *

**Об гарчи мавҷудияти сода аст, аммо дар худ асрори зиёдро нуҳуфтааст. Ин аст, ки олимон то ҳол омӯзиши обро идома дода истодаанд.**

* * *

**Қисми асосии обҳои нӯшиданиро пиряххо ташкил медиҳанд. Агар пиряххои тамоми ҷаҳон об шаванд, сатҳи об дар сайёра то 64 метр (тахминан баландии бинои 20 қабата) баланд шуда, замин дар зери об мемонад.**

* * *

**Инсон дар як сол то 60 тонна обро дар ҷараёни ғизохӯрӣ истеъмол менамояд.**

* * *

**Дарёи чуқуртарини ҷаҳон Конго мебошад, ки чуқуриаш беш аз 220 метр аст.**


Тайёр

## ДАРАҶАҲОИ ИЛМӢ МУБОРАК, УСТОДОНИ АЗИЗ!



Дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, ки яке аз мактабҳои олии пешрафтаи кишвар маҳсуб меёбад, сафи номзадҳо ва докторони илм меафзояд. Сафи олимони донишгоҳ, бахусус аз ҳисоби ҷавонони истеъдоднок у лаёқатманд, ки ба илму дониш завқу шавқи зиёд доранд, афзуда истодааст. Яке аз чунин ҷавондухтарони илмдӯст, хатмкардаи соли 2008-и донишгоҳи мазкур, ки ба тариқи квотаи президентӣ таҳсил намудааст, Зарина Яминова мебошад, ки дар арафаи рӯзи ваҳдати миллӣ, яъне 26-уми июни соли 2017 дар Донишгоҳи давлатии кимиёву технологии шаҳри Ивановои Федератсияи Россия дар мавзӯи "Истифодаи партовҳои абрешимӣ барои ҳосил кардани оҳар ва ресмони муштарак" рисолаи номзадиашро барои дарёфти номзади илмҳои техникӣ бомуваффақият ҳимоя кардааст.

Муаллими калони кафедраи технологияи маснуоти нассоҷӣ Заррина Яминова соҳиби 4 патенти ихтирооти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 патенти Авруосиё ва 25 мақолаи илмӣ мебошад, ки дар дохили кишвар ва берун аз он, аз ҷумла Австрия, Чехия, Қазоқистон, Махачқалъа, Иваново ба нашр расидаанд. Ихтироташ солҳои 2012 ва 2014 дар комбинати "Нассоҷии тоҷик"татбиқ шуда, соҳиби 4 санади татбиқӣ мебошад.

Соли 2016 дар озмуни ихтироъкорони занҳои ҷаҳон KIWIE-2016, ки дар Кореяи Ҷанубӣ байни 400 нафар аз 25 давлати ҷаҳон шуда гузашт, соҳиби медали нуқра гардид.

Заррина дорандаи Дипломи дараҷаи 1 Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон байни ихтироъкорони ҷавони ҷумҳурӣ "Нававари беҳтарин-2014", Дипломи МД Маркази миллии патенту иттилооти Вазорати рушди иқтисод ва савдо барои иштирок дар намоишгоҳи аввалини ихтироъкорони ҷумҳурӣ "Аз ихтироъ ба инноватсия-2014". Дипломи дараҷаи II дар озмуни "Беҳтарин кори илмӣ" дар бахши техникӣ. 2017. шаҳри Прагаи Ҷумҳурии Чехия мебошад.

Раёсат ва устодону донишҷӯёни донишгоҳ Зарринабонуро барои бомуваффақият ҳимоя кардани рисолаи номзадиаш табрику таҳният гуфта, ба ӯ дар фатҳи қуллаҳои минбаъдаи илм бароru комёбиҳо таманно доранд.

---



*13-уми июли соли 2017 бошад, устоди дигари ҷавони донишгоҳ Рӯзибоев Ҳусейн Гулмуродович дар Шӯрои диссертатсионии Д999020.02 оид ба ҳимояи рисолаҳои номзадиву докторӣ дар заминаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзӯи "Баланд бардоштани самаранокии иқтисодии истеҳсол ва коркарди аввалияи пахта дар минтақа" (дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон) бомуваффақият рисолаи номзадӣ ҳимоя намуда, сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ гардид.*

*Боиси ифтихор аст, ки Ҳ. Рӯзибоев ҳамчун олими ҷавон муаллифи 20 мақолаи илмӣ, 4 ихтироот, ду санади татбиқӣ дар истеҳсолот ба гайра мебошад.*

*Дар соли таҳсили 2013-2014 бо ҷоизаи махсуси Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ҷиҳати ба даст овардани муваффақият дар фаъолияти илмӣ-педагогӣ сарфароз гардонида шудааст. Дар асоси ҷамъбасти натиҷаҳои озмуни "Ихтироъкори беҳтарини Тоҷикистон дар солҳои 2013-2014", тибқи фармони директори муассисаи давлатии "Маркази миллии патенту иттилоот"-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 56-ФА аз 15 июли соли 2015 бо дипломи иштирокчӣ сарфароз гардонида шудааст.*

*Раёсат ва аҳли илми донишгоҳ, кормандон ва донишҷӯёни донишгоҳ устоди ҷавон Ҳусейн Рӯзибоевро бо ин дастоварди илмӣ самимона шодбош гуфта, ба ӯ дар корҳои минбаъдаи илмию омӯзгориаш муваффақиятҳои беназирро таманно доранд.*

*Бигзор Соли ҷавонон ба кулли ҷавонони донишгоҳ барору комёбиҳои назаррас биорад.*

*Р. Шариф*

## ОМОДАГӢ БА ҶАШНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ




Устодону донишҷӯёни Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо мақсади сазовор истиқбол гирифтани 26-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чорабиниҳои идона фаъолона ширкат варзида истодаанд. Онҳо ҳамарӯза аз соати $17^{00}$ то $20^{00}$ дар Варзишгоҳи марказии ҷумҳурӣ тамринҳо мегузаронанд. Дар рӯзи ҷашни истиқлолият 1300 нафар бо либосҳои расмӣ ва миллӣ, аз ҷумла чакан, атлас дар чорабинӣ ширкат меварзанд. Инчунин, 120 нафар духтарони донишгоҳ бо либосҳои коллексионӣ дар намоиши театрикунонидашуда дар бахши мӯд иштирок мекунанд. 400 нафар донишҷӯписарон дар лавҳаи зинда машқҳои гуногунро иҷро менамоянд.



Раёсати донишгоҳ бо мақсади ҳавасмандгардонии иштирокчиён ба донишҷӯён идрорпулии якваќтаина ба маблағи 100 сомонӣ ва ба 200 нафар занҳо барои дӯхтани либоси атлас кумакпулии якваќтаина ҷудо намудааст.

Лозим ба ёдоварист, ки дар баҳшҳо аъзоёни департаменти корҳои тарбиявӣ пурра вобаста шуда, дар тайёрӣ ва гузаронидани чорабинии сатҳи баланд фаъолияти пурсамар доранд.

*Р. Шариф*

---

## НЕСКОЛЬКО ЛУЧШИХ РЕЗУЛЬТАТОВ ИЗ КНИГИ РЕКОРДОВ ГИННЕСА

### Самая большая домашняя кошка



Длина мейн-куна Людо из Великобритании составляет колоссальные 118,33 сантиметра. Хозяйка громадного кота говорит: "Он очень дружелюбный, но некоторые гости его боятся, так как они больше привыкли видеть собак такого размера".

### Наибольшее количество ударов по отскакивающему мячу за 30 секунд



30-летнему Джону Фарнворту из Великобритании удалось за 30 секунд среагировать на невероятные 28 отскоков мяча от стенки. Профессиональному футбольному фристайлеру также принадлежит рекорд по самому длительному контролю мяча при слэклайне (хождении по стропе, натянутой в воздухе). Он жонглировал мячом целых 29,82 секунды.



### Самый большой рот

Этому гамбургеру осталось жить недолго! Ведь 47-летний Бернд Шмидт из Германии может открыть рот на впечатляющие 8,79 сантиметров. Чтобы выиграть титул, мужчина размещал металлические стержни между верхними и нижними резцами. Рекорд был подтвержден стоматологом, который просто распорядился: "Открой-те его пошире!".

### Самый длинный собачий хвост

Когда 5-летний ирландский волкодав Кеон начинает вилять хвостом, вам нужно быть очень осторожными, ведь его длина - 76,7 сантиметров. Пёс-рекордсмен живет в Вестерло, Бельгия.



Фановар

Рӯзнома бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ чоп мешавад.

САРМУҲАРРИР: Раҷабалӣ ШАРИФОВ

МУАССИС: Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Ҳайати таҳририя: Амонзода И.Т., Тошматов М.Н., Юсупова З.Р., Ҳакимов Ғ.Қ., Бобоев Х.Б., Юсупов М.Ч.

Нишонии мо: 734061- ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 63/3

Рӯзнома ба хотири риояи озодии афкор маводеро низ ба табъ мерасонад, ки хилофи назараш аст. Аз ин рӯ, масъулияти ақидаи муаллифро ба уҳда намегирад.

*Рӯзнома 14 июни соли 2011 таҳти рақами 0136/рз дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.*

*Рӯзнома дар ҶДММ «Мега принт»-и шаҳри Душанбе чоп шудааст. Теъдоди нашр 1000 нусха.*